«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ, профессор
Ибодуллозода А.И.
____________________
«_03_» _____12_____ 2022

**Хулосаи**

**якҷояи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогика ва психологияи факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар бораи рисолаи Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи «Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ**

Рисола дар кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Дар давраи омода кардани рисола Шукурзода Хуршеди Абдумумин докторанти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ, доктори фалсафа PhD, доктор аз руйи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ буд.

Шаҳодатнома оид ба супоридани санҷишу имтиҳонҳои маҷмуии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйии ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ. Аз 7.06.2019, зери рақами №456-ОД дода шудааст.

Роҳбари илмии Шукурзода Хуршеди Абдумумин номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бегимов Ҳусен Худоёрович дар кафедраи

методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳайси дотсент кору фаъолият менамояд.

Кафедра баъди баррасии муфассали рисолаи Шукурзода Хуршед Абдумумин ба хулосаи зерин расид.

Рисолаи Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи **«Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони оянда синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ»** таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмиест, ки дорои аҳамияти назариявию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши доманадор ва муфассалеро анҷом додааст, ки он дар шакли рисолаи илмӣ дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардидааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар таҳқиқоти илмӣ доктарант аз усул ва равишҳои маъмули илмҳои педагогӣ-методӣ истифода намуда, ҷараёни маорифпарварӣ ва ҳалли масъалаҳои матниро мавриди таҳқиқ қарор дода, натиҷаҳои назарраси илмиро ба даст овардааст. Муаллиф мафҳуми калидии таҳқиқот: маорифпарварӣ, ислоҳоти маънавӣ, ҳалли масъалаҳои матнӣ, навовар, намуда ва ғайраро аз дидгоҳи методологияи илмҳои педагогӣ-методӣ ва гуманитарӣ-риёзӣ ташреҳ медиҳад.

Ҳамчунин ҷараёнҳои ин давраҳоро аз мавқеи объективонаи илмӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Дар омода намудани рисола аз асарҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ фаровон истифода намуда, мавқеи худро оид ба масъалаҳои баҳсноки илмӣ дақиқ намудааст. Аз методҳои таҳлил, таркиббандӣ, таҷрид, ангезиш, баровардан, муқоиса, мушоҳида ва ғайра дар таҳқиқи масъала истифода намудааст.

Муҳтавои таҳқиқоти илмӣ, муносибатҳои методологии дар он коркардшуда ва натиҷаҳои бадастовардашуда, тасаввуротро оид ба ташаккул ва хусусияти равияи маорифпарварӣ ва ҷунбиши ҳал кардани масъалаҳои матнӣ таҷассум намуда, тафовути байни фикру андешаҳои мутафаккиронро муайян мегардонад. Зеро асосҳои назариявӣ -

методологии таҳқиқот дар доираи асосҳои консептуалӣ, бо назардошти шарҳи мафҳумҳои педагогӣ, ҳал намудани ҳамагуна масъалаҳо ва қавӣ намудани фикру ақидаи донишҷӯён, асоснок кардани заминаҳои пайдоиш ва шаклгирии ин масъалаҳо, ки дар таълимоти математикии педагогӣ ва зеҳнӣ, асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанию хориҷӣ мушаххас карда шудаанд, ба танзим даровarda шудааст.

Зимни пажӯҳиш методҳои назариявӣ ва амалии донишҳои илмӣ, аз ҷумла мушоҳида, муқоиса, санҷиш, таҳлил ва таркиббандӣ, коркарди мавод, методҳои ҷамъбастнамоӣ, воқеъбинӣ, илмият, мантиқият, таърихият ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Доктарант зимни таҳқиқ ҷиҳати муаррифӣ кардани ақидаҳои маънавиятгустарӣ ва ислоҳотҳои педагогӣ-методӣ ва таблиғкунандагони андешаҳои пешқадамонаи онҳо барои ба танзим даровардани ҳалли масъалаҳои матнӣ, ҷобаҷогузории амалҳо, муассисаҳои таълимии усули нав ва дар ин замина ворид намудани тағйирот дар нақша ва барномаҳои таълимӣ баҳри маърифатнокшавӣ, бедоршавӣ, худшиносии миллӣ ба асарҳои таълифнамудаи муаллифон такя кардааст. Аз ин рӯ, маводи пешниҳодшуда инъикоскунандаи аслияти тавсифи воқеият аст.

**Иштироки шахсии муаллиф ба дастоварди натиҷаҳои илмӣ**

Муаллиф дар масъалагузориҳо, гузориши мақсадҳои асосӣ, таҳқиқотҳои назариявии бадастоварда, роҳҳои ҳалли мушкилот ва ба дастовардани натиҷаю хулосаҳо саҳми шахсӣ дорад. Инчунин, дар як қатор мақолаҳои хеш оид ба мавзуи таҳқиқотиаш ибрози назар намудааст.

Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии навоварии кор дар он зоҳир мегарданд, ки дар он кушиш ба харҷ дода шудааст, то ки натиҷаҳои он ҳиссаи муайяне ба назария ва методикаи таълиму тарбия ворид гардад. Дар кор мафҳуми омодагии муаллимон ба фаъолияти таҳқиқотӣ ҳамчун системаи ҳамгирои омӯзиши фанҳо, инчунин «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» барои ҷалби муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқоти пешкаш гардидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** ҳиссагузорӣ дар коркарди системаи методии таълими фанҳои табиӣ-математикӣ тибқи амалисозии тамоили ҳамгироӣ ба назария ва методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ иҷро шуд, ки боиси талаботи мувофиқаи маводҳои таълими фанҳои табиӣ-математикӣ, методҳою шаклҳои ташкили фаъолияти таълимӣ азбаркунии донишҷӯён, меъёри ташаккулёфтаи донишҳои назариявии ташаккули фаъолияти таълимӣ-таткиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ гардид.

**Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқот** натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамбастшударо метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ, назария ва практикуми ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ, педагогӣ-психологӣ, барои таҳия кардани маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба ҳалли масъалаҳои матнӣ ва ислоҳоти иҷтимоӣ мавриди истифодабарӣ карор додааст. Ҳамзамон маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомада барои хондани курси махсус дар соҳаи маориф, ки марбут ба масоили маорифпарварӣ мебошанд аз аҳамият холӣ нест.

**Навгонии кори илмӣ ба таври мушаххас дар чунин натиҷаҳо инъикос меёбад:**

- моҳият ва мазмуни омодагии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун сифати ҳамгирои шахсият, ки муаллимони ояндаро майли ворид шудан ба муҳити фаъолияти таҳқиқоти доранд, инчунин таҷрибаи иҷрои фаъолияти таҳқиқотиро дар ҳолатҳои стандартӣ ва ҳолатҳои проблемавиро муайян мекунанд, ошкор гардид;

- муқаррар ва илман имкониятҳои бомуваффақияти ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» асоснок карда шуд;

- меъёрҳо, дарачаҳои омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ: марокнокӣ (муносибати мусбӣ ба касбии ояндаи худ, дарки моҳияти фаъолияти таҳқиқотӣ дар муваффақиятнокии худфаъолиятӣ); когнитивӣ (фаҳмиши методологӣ ва проблемаҳои таҳқиқотии педагогӣ, донишҳои мушаххаси фаннӣ ва ғайра); фаъолиятнокӣ (маҳоратҳои гностикӣ, маҳоратҳои лоиҳабандӣ, маҳоратҳои конструктивӣ, маҳоратҳои ташкилӣ, маҳоратҳои коммуникативӣ); рефлективӣ (қобилияти ичрои таҳлил ва баҳодиҳии нуқтаҳои назари гуногун оид ба масъалаҳои мушаххас, худтаҳлилкунӣ, худбаҳодиҳии фаъолияти таҳқиқотӣ);

- роҳу воситаҳои истифодаи тачрибаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар беҳдошти навишти корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм коркард шудааст.

Навгониҳои мазкур ба сифати муқаррароти асосии таҳқиқот барои ҳимоя пешбарӣ карда шудаанд.

Мақолаҳои ба нашр расонида ва автореферат ба диссертатсия пурра мувофиқат менамоянд.

Эродҳо ва асосноксозии хулоса метавонанд барои масъалагузории **«Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ»** аз қисматҳои зерин иборат бошанд:

- баъзе хулосаҳо мушаххас гардонида шавад;
- қолаби илмӣ тачдиди назар карда шавад;
- то ҳадди охирин хатогиҳои услубӣ, китобатӣ ислоҳ карда шавад.

**Амалисозӣ ва паҳнкунии натичаҳои таҳқиқот:**

Мазмуни асосӣ ва натичаҳои рисола бо иштироки муаллиф дар хонишҳои педагогии шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва чумҳуриявӣ дар конференсияҳои ҳарсолаи илмӣ-амалии ҳайати омӯзгорону профессорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Точикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони маориф (с. 2016-2021) баррасӣ шуданд.

Оид ба мавзуи рисола 17 мақолаҳое, ки нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотро ифода мекунанд, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаи нашрияҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и федератсияи Россия нашр шуданд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола:** Рисола аз сарсухан, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Матни рисола 152 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад. Феҳристи адабиёти истифодашуда аз 171 номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ иборат аст.

Дар маҷмуъ рисолаи Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи **«Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ»** пажӯҳиши комилу анҷомёфта мебошад ва онро метавон ба ҳимоя тавсия намуд.

Хулосаи мазкур баъди баррасии муфассали рисола дар маҷлиси якҷояи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ ва кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок карданд 31нафар.

Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати пешниҳод шудани рисолаи Шукурзода Хуршеди Абдумумин ба ҳимоя:

Тарафдор 30 нафар; зид бетараф нест.

**Суратҷаласаи №2 аз 29.09. 2022 с.**

Мудири кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои филологӣ, дотсент: Ғаффоров А.О.

Мудири кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент: Фозилов С.М.

Имзои О.А. Ғаффоров ва М.С. Фозиловро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ: А. Мустафозода


**Нишонӣ:** 734003, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
e-mail: info@tgpu.tj